# «ТАРБИЯИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН – ОМИЛИ МУҲИММИ ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ»

Таҳти ин унвон 18 ноябри соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи илмию назариявӣ баргузор гардид. Дар кори конференсия ходимони илмӣ, олимону муҳаққиқон, омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва ибтидоии ҳарбии ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва намояндагони ниҳодҳои марбутаи соҳаи маориф ширкат варзиданд. Конференсияро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии насли наврас мавқеи махсус дорад. Зикр гардид, ки захматҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар, рушду густариши тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун заминаи устувори сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт хизмат мекунад. Мавсуф афзуд, ки Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор барои такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва омода намудани дастурамалҳои методӣ дар ин самт тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд. Ҳадаф аз ин раванд – ташкили муҳити омӯзишие мебошад, ки дар он хонандагон на танҳо донишҳои назариявӣ, балки ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ, эҳсоси масъулият ва омодагии маънавӣ барои ҳимояи Ватанро дар худ ташаккул диҳанд. Бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти босуръати ҷаҳони муосир, ки амнияти иттилоотӣ, маънавӣ ва фарҳангиро низ дар бар мегирад, роҳбарияти Пажӯҳишгоҳ зарурати таҳияи барномаҳои мутобиқ ба таҳдидҳои нав, таҳкими фаъолияти тарбиявӣ дар мактабҳо ва тақвияти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо ниҳодҳои амниятӣ ва мудофиавиро муҳим арзёбӣ намуд. Сипас, Салимзода Маҳмадраҳим, муаллими калони кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия дар баромади худ аҳамияти ин гуна ҳамоишҳои илмию амалиро дар таҳкими сиёсати давлатӣ оид ба тарбияи ватандӯстии насли ҷавон барҷаста арзёбӣ намуд. Вай зикр кард, ки дар ҷаҳони имрӯза, ки таҳдидҳои геополитикӣ, иттилоотӣ ва фарҳангӣ босуръат тағйир меёбанд, низоми маорифи кишвар вазифадор аст, ки ба хонандагон на танҳо донишҳои назариявӣ, балки ҷаҳонбинии устувори шаҳрвандӣ, ҳисси масъулияти миллӣ ва омодагии маънавӣ барои ҳифзи Ватанро омӯзонад. Ӯ ҳамчунин қайд кард, ки рушди фаъоли корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ – аз ташкили машқҳои амалӣ то баргузории вохӯриҳо бо қувваҳои низомӣ ва ташкилотҳои ватанпарастӣ – метавонад ба ташаккули насли худшиносу худогоҳ ва ба Ватан содиқ мусоидат намояд. Ӯ илова намуд, ки ҷавонон бояд дарк намоянд: ҳифзи

Ватан танҳо вазифаи сохторҳои низомӣ нест, балки масъулияти шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Дар идомаи конференсия Давлатзода С. - мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии муассиса дар мавзуи «Нақши муассисаҳои таълимӣ дар таҳкими тарбияи ҳарбӣ ва амнияти миллӣ» ва Миралиён Ш. - сармутахассиси раёсати рушди варзиши касбӣ ва кор бо ташкилотҳои варзишӣ дар мавзуи «Варзиш – омили муҳимми тарбияи ватандӯстӣ ва омодагии ҳарбӣ» баромад намуданд. Дар фарҷоми ҳамоиш ба олимону мутахассисони соҳа, ки дар кори конференсия фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои арзишманди худ саҳм гузоштанд, туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид. Роҳбарияти Пажӯҳишгоҳ натиҷаҳои конференсияро ҷамъбаст намуда, таъкид кард, ки баргузории чунин ҳамоишҳои илмию амалӣ барои таҳкими самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва амнияти миллӣ аҳамияти хосса дорад. Зикр шуд, ки муҳтавои маърӯзаҳои ироашуда, пешниҳоди муҳаққиқон ва баррасии масъалаҳои калидӣ дар робита ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон заминаи муҳим барои такмили барномаҳои таълимӣ, усулҳои корӣ ва фаъолияти тарбиявии муассисаҳои таълимии кишвар мебошад.



























